# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод мегардад

Таҳқиқоти диссертатсионии Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ” ба тарбия намудани наврасон дар руҳияи худшиносии миллӣ, муносибати ватандӯстона ба ҷомеа ва давлат дар заминаи фаъолияти баланди ҷамъиятӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, омодагӣ ва қобилияти хизмат ба Ватан дар асоси истифода аз осори адабиёти классикии тоҷик ва ашъори шоирону нависандагони муосир равона шудааст.

Мубрамии мавзуи рисолаи илмиро дар даврони Истиқлолияти давлатӣ қабул гардидани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаҳои зиёд, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», “Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022», стандарту барномаҳои таълимию тарбиявӣ мебошад, ки амалӣ гаштани онҳо дастовардҳои назаррас ба бор овардаанд.

Тарбияи шуури илмӣ, ягонагӣ ва ифтихори миллӣ дар ҷомеаи мо падидаи нав буда, яке аз муҳимтарин вазифаи имрӯзаи илму маориф маҳсуб меёбад ва инкишофу пешбурди он дар заминаи педагогикаи миллӣ айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим касб намудааст. Ҷиҳати баррасии масъалаи мазкур яке аз вазифаи муҳимтарин ин аз захираи бузурги педагогикаи халқӣ ва анъанаҳои фарҳангӣ интихоб намудани арзишҳоест, ки метавонанд барои тарбияи насли наврас хизмат намоянд. Аз ин лиҳоз, мавзуи таҳқиқотии интихобнамудаи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна маҳз ба таҳқиқи раванди ташаккули худшиносии миллии наврасон мавриди истифодаи педагогикаи халқӣ бахшида шудааст.

Падидаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисолаи Ризоева Нигинамо бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи тозаи пажӯҳиш моҳияти тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии наврасонро дар асоси истифодаи арзишҳои миллӣ-фарҳангӣ, омӯзиши анъанаҳои миллӣ ва фарҳангӣ дар ҳамгироӣ бо арзишҳои муосир мавриди истифода карор додааст.

Унвонҷӯ собит намудааст, ки натиҷаи таҳқиқот барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ ва ҳаллу фасли проблемаҳои муҳим, аз зумраи муносибати нав ба ташаккули худшиносии наврасонро дар асоси арзишҳои миллӣ мусоидат менамояд. Наврасон ба чорабиниҳои беруназтаълимӣ барои омӯзиши мероси таърихию фарҳангии халқ, меъёрҳои ахлоқии рафтор шавқманд гардида, барои ташаккули худшиносии миллӣ тавассути омӯзиши мероси намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир, анъана ва оинҳои миллӣ саъю кӯшиш менамоянд. Аз ин лиҳоз, аз ҷониби унвонҷӯ «Барномаи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ дар фаъолияти беруназтаълимӣ» таҳия гардида, дар амалия мавриди санҷиш қарор дода шуд, ки барои шаклгирии ҳуввияти миллӣ чун воситаи ташаккули шахсияти комили наврасон дар ҳамкорӣ бо омӯзгорон, волидайн, фаъолони ҷамъиятӣ амалӣ гардад ва нақши муҳим дорад.

Муҳаққиқ мақсаду объект, предмет ва фарзияи таҳқиқотро дуруст муайян карда, дар ин замина асосҳои ташаккули худшиносии миллии наврасонро тавассути педагогикаи халқӣ дар фаъолияти беруназтаълимӣ муайян намудааст, ҷанбаҳои тарбиявии педагогикаи халқӣ, ҷойгоҳ ва мақоми низоми арзишҳои миллӣ ва анъанаҳои фарҳангии халқ дар рушди худшиносии миллии наврасон таҳлил кардааст.

Саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала, дар омӯзиши дурусти таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада, дар истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ, тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот, дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҷрибаи шахсии корӣ дар Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зуҳур меёбад.

Натиҷа ва хулосаи таҳқиқотро метавон ҳангоми таҳқиқи масъалаи ҷалби таваҷҷуҳи наврасон ба рӯйдодҳои иҷтимоию сиёсӣ ва омӯзиши анъанаҳои таърихию фарҳангии халқ, дар асоси таъсири эҳсосӣ ба хонандагон тавассути азхудкунии дониш дар бораи мероси таърихию фарҳангии халқ, ба меъёрҳои ахлоқии рафтор метавон истифода намуд. Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои илмии дар нашрияҳои илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷӯ пурра мазмуни рисоларо фаро мегиранд.

Дар давраи таҳия ва омода намудани рисолаи илмӣ унвонҷӯ теъдоди назарраси адабиёти илмиву психологӣ ва педагогиро роҷеъ ба мавзӯи таҳқиқ мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, масъулиятшиносиву кордонӣ, суботкориву ҳадафмандӣ, сатҳи баланди қобилияти тадқиқотӣ ва мустақилиятро аз худ нишон дод. Дар як қатор конференсияҳои байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ ва дохили муассиса аз рӯи мавзӯи таҳқиқшаванда фаъолона иштирок намуда, маърӯзаҳо кардааст.

Ҳамчун роҳбари илмӣ дар мавриди сифатҳои шахсии унвонҷӯ бояд тазаккур дод, ки Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна машғули фаъолияти босамари педагогӣ буда, ба яке аз масъалаи муҳими илми педагогикаи муосир, ҳалли проблемаи таҳқиқ ва ошкорсозии ғояҳои ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ аз ашъори шоирону нависандагони классику муосир ва истифодаи онро дар тарбияи худшиносии наврасон интихоб намуда, аз уҳдаи таҳқиқи он бомуваффақият баромадааст.

Таҳқиқоти Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзӯи "Асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ" рисолаи мустақили тахассусии илмиест, ки дар он ҳалли як масъалаи муҳим, ки барои илм ва амалияи педагогӣ зарур аст, таҳқиқ гардидааст. Рисола ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 ҷавобгӯ арзёбӣ гардида, барои дифоъ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) тавсия мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
мудири шуъбаи педагогика, психология
ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди
маорифба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон — Иматзода Лутфия Махмадулло

Имзои Л.Иматзода Л.М.-ро тасдиқ мекунам.
Мудири шуъбаи кадр ва коргузории Пажуҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон — Х.Ҳакимова

10.01.2025